**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

**Правительство Республики Таджикистан**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 3 августи соли 2013 № 361

ш. Душанбе

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба карори
Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз 31 августи соли 2012, №451

Мутобики моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Ба банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» баъд аз ҷумлаи якум ҷумлаи нав ба мазмуни зайл илова карда шавад: «Пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар карда шавад.».

2. Ба Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ки бо карори Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз 31 августи соли 2012. №451 тасдик шудааст. тағйиру иловаҳои зайл ворид карда шавад:

- дар банди 16 калимаҳои «таҳрир гаштани» ба калимаҳои «татбиқ намудани» иваз карда шавад;

- дар банди 18 калимаҳои «ҳолати пешниҳод гардидани» ба калимаи «асоси» иваз карда шавад;

- дар чумлаи дуюми банди 23 баъд аз калимаи «фаъолияткунанда» калимаҳои «бо назардошти татбики коэффитсиентхои минтакавӣ» илова карда шавад;

- дар зербанди «б» банди 28 калимаи «воридоти» ба калимаҳои «воридот ва содироти» иваз. зербанди «е» хорич, аз зербанди «ж» калимаҳои «ва хизматрасониҳои варзишӣ» хорич карда, тартиби ҳарфгузориҳо аз «а» то «ж» дониста шавад.

3. Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент. ки бо замимаи 2 карори Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз 31 августи соли 2 №451 тасдик шудааст. тибки замима дар таҳрири нав тасдик карда шавад.

4. Дар банди 5 Коэффитсиентхои минтақавӣ. ки андозахои пардохтро барои патент дар каламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд. ки бо карори Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз 31 августи соли 2012. №451 тасдик шудааст. калимаи «Табошар» ба калимаи «Истиклол» иваз карда шавад.

5. Ба Вазорати молияи Ҷумхурии Точикистон ва Кумитаи андози назди Хукумати Ҷумхурии Точикистон ваколат дода шавад. ки аз соли 2014 сар карда бо дарназардошти сатхи таваррум андозахои пардохт барои патентро индексатсия намуда. мукаррар кунанд ва тибки Қонуни Ҷумхурии Точикистон «Дар бораи санадхои меъёрии хукукӣ» ба кайди давлатӣ гиранд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ УМУМӢ

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
№ 11-2196
06 08 2013
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН